**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна, ки дар мавзуи “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Эҷодиёти серпаҳлуи Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492), хусусан осори манзуми ӯ, беш аз сад сол аст, ки мавриди таваҷҷуҳ, омӯзиш ва таҳқиқи донишмандони ватанию хориҷӣ қарор дорад, ки дар ин раванди бонизом рисолаҳои таҳқиқотӣ ба забонҳои мухталифи олам нигошта шудаанд. “Ҳафт авранг”-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва достонҳои таркиби он, ки ҳар яке аз дурдонаҳои назми форсии тоҷикӣ ва олам маҳсуб мешаванд, бештар аз дирӯз ба таҳқиқ ниёз доранд.

Достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Ҷомӣ аз миёни достонҳои дигари таркиби “Ҳафт авранг” аз нигоҳи салосату балоғат, маъниофарию тасвирсозӣ ва ҳусни калом дар радифи барҷастатарин достонҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ қарор дорад ва аз ҳар ҷиҳат шоистаи таҳқиқи муҳимми адабиётшиносист. Бо дарки ин масъулият унвонҷӯй Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна бо азми росих ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои дорои аҳаммияти зарури илмии адабиётшиносӣ – мавзуи “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” пардохтааст, ки аз ҷасорат ва масъулиятшиносии ӯ дарак медиҳад. Аз саҳифаҳои аввали таҳқиқоти диссертатсионӣ хуб ба назар мерасад, ки диссертант оид ба таҳқиқи мавзуъ маҳорату малакаи заруририро дорост. Масъалагузорӣ, баҳсҳо бо донишмандон, таҳлилҳо ва натиҷагириҳо дар автореферати диссертатсия гувоҳи ин андешаанд.

Диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” аз муқаддима, се боб ва хулосаю китобнома фароҳам омадааст. Дар муқаддимаи диссертатсия унвонҷӯй масъалаҳои назарии мубрамии мавзуъ, дараҷаи

омӯзиш, масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, сарчашма, объект, предмети таҳқиқ, мақсади таҳқиқ, асосҳои методологӣ, назарию амалии таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқро бо низоми муайяни талаботи автореферат ва диссертатсияи илмӣ овардааст.

Боби якуми диссертатсия “Достонсароӣ дар асри XV” унвон дорад ва аз се фасл иборат аст, ки таҳқиқи масъалаҳои маснависароӣ дар асри XV, мавқеи маснавиҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ин давра ва ҷомишиносӣ дар Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Боби дувуми диссертатсия “Таҳқиқи сарчашмаҳо, нусхашиносӣ ва симоҳои достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” ном дорад ва аз чор фасл иборат буда, дар он масъалаҳои сарчашмаҳои асосии достон, нусхашиносӣ ва шарҳнигорӣ ба достон, таҳлили образҳои достон ва ҷойгоҳи фоҷиа дар достон бо як ҳадафи муайяни илмӣ, ки муҳаққиқ дар назди худ гузоштааст, баррасӣ гардидаанд.

Ин боби диссертатсия чанд хусусияти муҳимми илмӣ дорад, аз ҷумла унвонҷӯй дар радифи таҳқиқи сарчашмаҳои асосии қиссаи “Юсуф ва Зулайхо”, ду китоби муҳимми осмонӣ – Библия (бобҳои 37-50) ва Қуръони маҷид (сураи 12), нусхашиносии достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Ҷомиро ба таҳқиқ гирифта, дар баробари баёни нусхаҳои қадимӣ ва муътабари достон якчанд нусхаи боарзишро, ки дар Китобхонаи миллии Тоҷикикистон нигаҳдорӣ мешаванд ва аз нусхаҳои боарзиш маҳсуб мешаванд, бо хасоиси нусхашиносӣ ба таҳқиқи илмӣ гирифтааст, ки ин самти таҳқиқоти диссертатсионӣ ба рамзи ихтисоси илмии диссертатсионӣ мувофиқат дорад. Инчунин, дар ин боби диссертатсия шарҳномаҳои зиёд, ки ба достони “Юсуф ва Зулайхо” дар даврахои гуногун навишта шудаанд, ба таҳқиқ кашида шудааст, ки аз моҳияти хуби илмӣ бархурдоранд.

Боби сеюми диссертатсия "Поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ" унвонгузорӣ шуда, аз шаш фасл иборат аст ва дар он масъалаҳои поэтикии достон, аз ҷумла сохти композитсионии достон, мақоми унсурҳои мусиқӣ, унсурҳои табиат, унсурҳои мунозира, мавқеи хоб ва руъё дар баёни Ҷомӣ, афкори адабии шоир, ҳунари шоир дар маъниофаринӣ ва тасвирсозӣ, мавқеи санъатҳои бадеӣ, паёмҳои ахлоқии шоир ва забону сабки достон ба таҳқиқ гирифта шудаанд.

Масъалаҳое, ки дар ҳар се боби диссертатсия гузошта шудаанд, то ҷойе ба як низоми хуби илмӣ таҳлил ва таҳқиқ шудаанд.

Хулосаи таҳқиқот дар даҳ банди мушаххас натиҷагирӣ шудааст. Автореферати диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна бо забони равони илмӣ навишта шуда, дастовардҳои хуби илмӣ дорад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй муҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунанд. Автореферат ҳамчун фишурдаи диссертатсияи илмӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Дар баробари муваффақиятҳои зиёд чанд норасоиҳои ҷузъӣ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳоро зарур медонем:

1. Дар фасли севуми боби якуми диссертатсия "Ҷомишиносӣ дар Тоҷикистон" унвони на ҳамаи муҳаққиқон, ки дар ҷомишиносӣ саҳм доранд, оварда шудаанд.
2. Дар фасли чоруми боби сеюми диссертатсия "Мавқеи санъатҳои бадеӣ дар достон" санъатҳои ками бадеӣ оварда ва таҳлил шудаанд, ки баъзан умумигӯиянд.
3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ба назар мерасанд, монанди саҳифаҳои 6,12,13, 19, 21 ва ғ. , ки ислоҳи онҳо низ зарур аст.
4. Дар автореферат иқтибосҳои зиёди назмӣ ба назар мерасанд, ки то андозае ҳусни корро костаанд.

Автореферати Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи "Поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ" барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) кори анҷомёфтаи илмист ва бо дастовардҳою комёбиҳояш ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Номзади илми филология,
мудири шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ
ва нашри мероси хаттии назди Раёсати
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муҳаммадиев Алӣ

Имзои Муҳаммадиев Алиро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Маркази мероси
хаттии назди Раёсати Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Майдонов М.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. душанбе, кӯчаи Ш. Ҳуейнзода, 39.
Тел.: ( +992 927 37 72 42)

24. 08. 2023